**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда шудааст.**

*аз «11» 11 соли 2024* *ш.Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. – раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С. ва д.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ. – аъзоёни комиссия аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносой бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Раҳматов Умед Раҷабович хулосаи зеринро қабул намуд:

## 1.Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Раҳматов Умед Раҷабович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), мувофиқат мекунад.

Раҳматов Умед Раҷабович, соли 1983 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Аз соли 2014 то соли 2020 ба сифати ассистенти кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда, аз соли 2020 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи номбурда фаъолият менамояд.

Раҳматов Умед Раҷабович солҳои 2017-2021 унвонҷӯи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буд.

Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 31 марти соли 2020 суратмаҷлиси №8/6-21 мавзуи диссертатсияи номзадии Раҳматов Умед Раҷабович зери унвони «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», таҳти роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ тасдиқ карда шудааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни забони хориҷӣ бо баҳои 4«хуб», аз фанни таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 4«хуб» ва имтиҳон аз тахассусро бо баҳои 4 «хуб» супоридааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯй Файзулло Машраб Қурбоналӣ – д.и.и., профессор, ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон мебошад.

Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» таҳти роҳбарии д.и.и., профессор Файзулло М.Қ. иҷро ва дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ -аз 28-уми сентябри соли 2024, суратҷаласаи №2 муҳокима гардидааст.

**2. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

**3. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар зиёда аз 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда дарҷ гардидааст, ки ба талаботи банди 35-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,» ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**4. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**5. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- **Қодирзода Фарҳод Анвар** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Якубзода Маъруф Садруддин** - доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси - молия, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, аъзои шурои диссертатсионӣ — Ҳикматов У.С.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, аъзои шурои диссертатсионӣ — Хайрзода Ш.Қ.